ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-030-и назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон оид ба рисолаи номзадии Акмалова Малоҳат Абдуллоевна дар мавзуи «Ҳамкории оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеаи муосир оид ба роҳнамоии касбии наврасону ҷавонон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пешниҳод шудааст

1. Интихоби касб ниҳоят мураккаб буда, бевосита аз майлу хоҳиши наврасон, худбаҳодиҳӣ ва дараҷаи иддао, инчунин ҷаҳонбинии онҳо нисбати моҳияти иҷтимоии касб вобаста аст. Бинобар ин, муносибати касбмуайянкунӣ ҳамеша ба шахсият нигаронида шуда, қисми таркибии рушди ҳамаҷонибаи ӯро ташкил мекунад. Ин ҷараён дар наврасон ҳаваси касбомӯзиро бедор карда, аз ҷиҳати рӯҳӣ ва ахлоқӣ ба интихоби касб омода шудани онҳоро тақозо менамояд. Касбмуайянкунӣ ба яке аз механизмҳои мутаносиб тақсимкунӣ ва оқилона истифодабарии манбаъҳои меҳнат, сазовор пурра кардани сафи коргару деҳқон хизмат мекунад. Аммо касбу ҳунаромӯзӣ иродаи матинро талаб менамояд. Тағйироти мусбате, ки дар дар давраи муосир рух медиҳанд, бешубҳа таҳияи равишҳои навро дар тарбияи шахсияти донишомӯз ва омода намудани ӯро ба интихоби касби оянда дар доираи масъалаҳои таҳқиқшаванда тақозо менамояд.

Аҳамияти кори илмию таҳқиқотии пешниҳодшуда дар он аст, маводи диссертатсияро метавон ҳамчун василаи таъминоти методӣ роҳи нави таҳқиқотро мекушояд ва ба роҳнамоии касбии наврасону ҷавонон замина мегузорад. Маводи диссертатсияро метавон ҳамчун василаи таъминоти методӣ барои роҳнамоии касбии наврасону ҷавонон дар асоси педагогикаи халқӣ истифода намуд.

Диссертатсия тибқи талаботи Низомнома дар бораи Шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ба анҷом расонида шудааст.

Диссертатсия дар шуъбаи педагогика ва психологияи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон иҷро шуда, бо қарори ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методии муассисаи мазкур муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст (Суратҷаласа аз 05.09.2023, №08).

Дар хулосаи шуъбаи педагогика ва психологияи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба диссертатсия баҳои мусбат дода шудааст.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33 ва 60 Тартиби додани унвонҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар кори таҳқиқотӣ интихоби усулҳои муосири ҳамкории оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеаи муосир оид ба роҳнамоии касбии наврасону ҷавонон баррасӣ шудааст, ки имкон медиҳад, робитаи байни мақсад, вазифаҳо, мазмуну муҳтаво, шаклҳои ташкили таълим ва усулҳои таълим муайян ва муқаррар карда шавад.

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонад ба эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо асоснокӣ ва саҳеҳии усули методологӣ ва назариявӣ, истифодаи маҷмуи усулҳои ба ҳам вобастаи таҳқиқоти илмӣ, ки ба мавзуъ ва вазифаҳои таҳқиқот комилан мутобиқанд, мувофиқати муқаррароту хулосаҳои назариявӣ, кофӣ будани сарчашмаҳои истифодашуда, гузаронидани таҳқиқоти озмоишии мувофиқ дар шароити хонавода, муассисаи таълимӣ ва ҷомеаи муосир, асоснокии истифодаи усулҳои озмоишӣ ва маълумотӣ дар натиҷаи таҳқиқоти озмоишӣ бадастомада таъмин мегардад, амалӣ гардад.

3. Мавзуъ ва мундариҷаи кори диссертатсионии Акмалова Малоҳат Абдуллоевна дар мавзуи «Ҳамкории оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеаи муосир оид ба роҳнамоии касбии наврасону ҷавонон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 –

Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ), аз ҷумла ба банди 1 – Методикаи омӯзиши ҷомеашиносӣ; фаъолияти фарҳангӣ ва иҷтимоию педагогӣ, аз ҷумла моҳият, сохтор, вазифаҳо, принсипҳои онҳо; банди 2 - Татбиқи равишҳои методологӣ дар омӯзиши фаъолияти иҷтимоӣ-педагогӣ; тарҳрезӣ, пешгӯӣ, моделсозии равандҳои иҷтимоӣ-педагогӣ дар муассисаҳои таълимӣ ва фарҳангӣ) ва банди 4 — Сифати ташкили фаъолияти иҷтимоию фарҳангӣ (технология ва усулҳои баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию фарҳангӣ ва иҷтимоию педагогӣ; меъёрҳо, нишондиҳандаҳо, нишондихандаҳои баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию фарҳангӣ ва иҷтимоию педагогӣ; назорат ба сифати чорабиниҳои иҷтимоию маданӣ) мутобиқат мекунад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ, хулосаҳо ва муқаррароти диссертатсия дар 9 мақолаи илмӣ инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 7-тоаш дар маҷаллаҳои тавсияшудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Русия нашр шудаанд. Шумораи маводи нашршуда дар нашрияҳои тавсияшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ аст.

5. Маводи диссертатсия бо истифода аз ишораҳои мувофиқ ба муаллифони онҳо ва ба сарчашмаҳои иқтибосшуда корбаст шудаанд, ки ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат мекунанд.

6. Диссертатсия ба талаботи банди 53 Низомнома дар бораи Шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ аст. Он аз тарафи муаллиф мустакилона навишта шуда, натиҷаҳои нави илмӣ, нуктаҳои барои ҳимоя пешниходшударо дарбар мегирад ва аз саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дар илм шаҳодат медиҳад.

7. Талаботи Низомнома дар бораи шурои диссертатсиониро ба роҳбарӣ гирифта, комиссияи экспертии диссертатсияи Акмалова Малоҳат Абдуллоевна тавсия мекунад, ки:

а) диссертатсияи Акмалова Малоҳат Абдуллоевна дар мавзуи «Ҳамкории оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеаи муосир оид ба роҳнамоии касбии наврасону ҷавонон» барои ҳимоя дар шурои диссертатсионӣ иҷозат дода шавад;

б) ба сифати муассисаи пешбар:

- **Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдулло Рӯдакӣ**

в) ба ҳайси муқарризони расмӣ:

- **Шаропов Шавкатҷон Аҳмадович** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров;

- **Фозилов Сухроб** - номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ таъин карда шаванд.

8. Барои муайян кардани вақти ҳимоя, нашр ва ҷойгир кардани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

9. Нашр ва паҳнкунии автореферат иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои педагогӣ — Каримзода М.Б.

Аъзоёни комиссияи экспертӣ:
номзадони илмҳои педагогӣ — Махкамов Д.
Лутфуллоева П.М

14.12.2023

Имзои Каримзода М.Б. Махкамов Д., Лутфуллоева П.М.-ро тасдиқ мекунам.

Мудири шуъбаи кадрҳои
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон — Ҳакимова Х.С.